«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
_________________Сафарзода Д.Ҷ.
«___»_______02_______ 2026 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури маркази низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури маркази низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти№ 16/ шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат дорад. Дар доираи мавзуи диссертатсия асосҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ ва объекти таҳқиқи назарияи давлат ва ҳуқуқ таҳқиқ карда мешаванд. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос бо дарназардошти мақсад, вазифаҳо, усулҳои умуминазариявии таҳқиқи методологӣ, доираи кофии асарҳои илмии олимони соҳа, сохти мантиқӣ, асоснокии назариявӣ ва методологии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ тасдиқ мешавад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ**. Мубрамии мавзуи диссертатсия бо якчанд гурӯҳи омилҳо тасдиқи худро меёбад. Якум, нақши ҳалкунандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар, таъмини сулҳу суботи ҷомеа, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ.

Дуюм, омилҳое, ки бо аҳаммият ва хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,

фарқи он аз намудҳои дигари ҳуқуқэҷодкунӣ, доираи масъалаҳое, ки салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат, хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат, салоҳияти истисноии ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Сеюм, хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, фарқи онҳо аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар доираи масъалаи то ба ҳол мубоҳисавии таносуби санадҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрӣ, ҳамчунин, хусусиятҳои фармонҳо ва амрҳои Пешвои миллат, мазмуни ин санадҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ.

Чорум, омилҳое, ки бо масъалаҳои мубоҳисавии илмӣ оид ба таносуби фармонҳои Президент ва қонунҳо, шаклҳои гуногуни ифодаи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президент, тарзу воситаҳои амалӣ намудани салоҳияти маҷмуии ҳам ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам идоракунии Президент дар илми ҳуқуқшиносии муосир, аз он ҷумла дар кишварҳои ҳамсоя ҷой доранд.

Панҷум, хусусиятҳои тартиби таҳия, интишор ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, фарқи тартиби зикршуда аз тартиби таҳия ва интишори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тартиби танзими ҳуқуқии раванди таҳия ва интишори санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат.

Шашум, алоқамандии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вазъи махсуси ҳуқуқии ӯ ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, аз ҷумла робитаи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо салоҳияти идоракунӣ.

Омилҳои зикршуда мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро тасдиқ менамоянд.

**3. Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст**. Гузориши ҳамаи масъалаҳои илмӣ, ки бо мавзуи диссертатсия робита доранд, бо дарназардошти мақсад, вазифаҳо, методологияи дарки илмӣ, дар заминаи натиҷаҳои таҳлили ҳаматарафаи илмии адабиёти илмӣ, аз ҷумла таҳлили танқидии як қатор ақидаҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ мубоҳисавӣ, ҳамчунин, таҳлили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи мазкури ватанӣ бо таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарварони давлатҳои ҳамсоя асоснок карда мешавад.

Хулосаҳои муаллиф дар натиҷаи таҳлили асарҳои илмӣ ва таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар заминаи ақидаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф пешниҳод

мешаванд. Хулосаҳои ҷудогона дар ҷараёни таҳқиқи доираи муайяни масъалаҳои илмию амалӣ дар зербандҳои дахлдори диссертатсия пешниҳод мешаванд. Хулосаҳои умумӣ дар охири бобҳои дахлдори диссертатсия пешниҳод шуда, натиҷаҳои умумии ҳосилшударо ифода мекунанд. Хулосаҳои ниҳоӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқи мавзуи диссертатсия ҳосил шудаанд, дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро меёбанд. Хулосаҳои ниҳоӣ дар натиҷаи ҷамъбаст намудани хулосаҳои пешакӣ ва хулосаҳои умумӣ пешниҳод мешаванд. Хулосаҳои ниҳоӣ ақидаҳо ва хулосаҳои дар доираи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия пешниҳодшударо такрор намекунанд ва аз ин хотир, навгонии корро таъмин менамоянд. Ҳамаи хулосаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва дар доираи методологияи таҳқиқи умуминазариявии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат ва санадҳои дахлдори қонунгузорӣ асоснок карда мешаванд.

Пешниҳодҳои Зарифзода Ш.И. дар ҷараёни таҳқиқи илмӣ, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, ҳамчунин, дар шакли таклифҳои амалӣ ифодаи худро меёбанд. Пешниҳодҳои муаллиф доир ба такмили як қатор ҳуҷҷатҳои давлатӣ, ки бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд, такмили санадҳои қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», бартараф намудани норасоии қонунгузорӣ, алалхусус, доир ба салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ асоснок карда мешаванд. Дар диссертатсия ду гурӯҳи пешниҳодҳо ифодаи худро ёфтаанд: а) пешниҳодҳои илмӣ; б) пешниҳодҳои амалӣ. Пешниҳодҳои илмӣ дар шакли ақидаҳо ва андешаҳои муаллиф доир ба масъалаҳои илман баҳснок, дар натиҷаи таҳлили танқидии ақидаҳои як қатор олимон ифода карда мешаванд. Пешниҳодҳои амалӣ дар ҷараёни таҳлили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии вазъи ҳуқуқӣ, салоҳият ва фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, дар шакли таклифҳои амалӣ ифода карда мешаванд.

Як қатор хулосаю пешниҳодҳои Зарифзода Ш.И. дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарварони як қатор давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ифодаи худро меёбанд. Ин хулосаю пешниҳодҳо дар доираи асарҳои илмие, ки дар давлатҳои мазкур нашр шудаанд, ҳамчунин, бо дарназардошти

хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарварони давлатҳо асоснок карда мешаванд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии диссертатсияи Зарифзода Ш.И. бо он тасдиқ мешавад, ки дар он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо ва нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми ҳуқуқӣ дар доираи методология, мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат таҳқиқ карда мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқот бо ҳолатҳои зерин тасдиқ мешавад:

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи назарияи ҳуқуқ ва давлат, усулҳои умуминазариявии дарки илмӣ, аз ҷумла фалсафӣ, умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ҳамчунин, мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат, ба мисли «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «ҳуқуқэҷодкунӣ», «техникаи ҳуқуқӣ» ва дигар таҳқиқ карда мешаванд;

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар доираи категорияи фалсафии «шакл ва мазмун» таҳқиқи гардида, дар ин замина хусусиятҳои фармонҳои сарвари давлат бо дарназардошти мазмуни дохилӣ ва шаклҳои махсуси ифодаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат пешниҳод мешаванд;

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таҳлил ва истифодаи нуктаҳои илмӣ, ақидаҳо, мафҳумҳо, усулҳои дарки илмӣ, ки дар асарҳои намояндагони назарияи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудаанд, таҳқиқ гардида, ақидаҳо ва хулосаҳои умуминазариявии муаллиф дар заминаи онҳо асоснок карда мешаванд;

– ақидаҳо, мафҳумҳо ва хулосаҳои маъмулӣ, ки солҳои тӯлонӣ дар назарияи ҳуқуқ ва давлат оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, таҷзияи ҳокимият ҷой доранд, бо мақсади таҳлили фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи нави ҳаёти ҳуқуқӣ таҷдиди назар карда мешаванд;

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таносуби онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла масъалаи мубоҳисавӣ оид ба таносуби санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои онҳо бо дарназардошти таносубашон бо дигар санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат муайян карда мешаванд, аз ҷумла ақида оид ба эътибори махсуси ҳуқуқии фармонҳои Пешвои миллат пешниҳод мешавад;

– мафҳуми нави илмии «нуфузи ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таносуб бо мафҳуми анъанавии «эътибори ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешниҳод мешавад;

– хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо вазъи ҳуқуқии махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми анъанавии таҷзияи ҳокимият ва салоҳияти махсуси ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат муайян карда шуда, мафҳуми «салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат» пешниҳод мешавад;

– ақида оид ба шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ будани ҳокимияти президентӣ пешниҳод шуда, дар ин замина хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла эътибори ҳуқуқии онҳо на танҳо дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар низоми ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд;

– ақида пешниҳод мешавад, ки тартиби махсуси таҳия ва интишори фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб бо тартиби таҳияю интишори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дорад;

– дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифи муаллиф оид ба таҷдиди назар намудани таносуби маъмулии санадҳои меъёрӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ (инфиродӣ) пешниҳод шуда, ақида оид ба мазмуни меъёрӣ доштани як қатор амрҳои сарвари давлат пешниҳод мешавад;

– шаклҳои нави амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли маслиҳат, таклифҳо ва супоришҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон асоснок карда мешавад.

Навгонии илмии диссератсияи Зарифзода Ш.И. бо нуктаҳои илмии ба ҳимояи пешниҳодшуда тасдиқ карда мешавад. Навгонии илмии ин нуктаҳои илмиро ҳолатҳои зерин тасдиқ менамоянд:

– аломатҳои фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои зерини онҳо муайян карда мешаванд: а) ҳамчун унсури низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; б) ҳамчун унсури низоми қонунгузорӣ; в) ҳамчун унсури низоми ҳуқуқ; г) ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ; д) ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ;

– мазмун ва шакли фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад: а) салоҳияти умумии ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) салоҳияти истисноии ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; в) салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; г) асосҳои махсуси техникӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат;

– хусусиятҳо ва таносуби фармонҳои ғайримеъёрӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти се гурӯҳи салоҳияти сарвари давлат муайян карда мешаванд: салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти идоракунӣ, салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунии идоравӣ ва салоҳияти ҳуқуқтатбиқкунӣ;

– нуфузи ҳуқуқӣ, эътибори ҳуқуқӣ ва фазои амали санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ду гурӯҳи омилҳо муайян карда мешаванд: а) мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти давлатӣ; б) мақоми баланди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар давлат ва ҷомеа бо дарназардошти маҷмуи омилҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

– ақидаи муаллиф оид ба имконияти истифодаи «қувваи нарм» нисбат ба шохаҳои анъанавии ҳокимият ҳамчун салоҳияти махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;

– ақидаи муаллиф оид ба мақоми махсус ва мустақили Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҷзияи ҳокимият бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод мешавад; –

– ақидаи муаллиф оид ба мазмуни махсуси меъёрии фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар робита бо унсурҳои таркибии онҳо, ба мисли муқаррароти умумии меъёрӣ ва меъёрҳо-супоришҳо пешниҳод мешавад, навгонии илмӣ дорад;

–хусусиятҳои меъёрҳо-супоришҳо, ки дар фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода карда мешаванд, аз ҷумла эътибори умумиҳатмии онҳо, ҳамчунин, фарқи онҳо аз супоришҳои фардӣ дар фармонҳои ғайримеъёрӣ муайян карда мешаванд;

– хусусиятҳои функсияи танзимии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти имконияти танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат муайян карда мешаванд;

– хусусиятҳои амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мазмуни меъёрӣ ва фардии онҳо дар таносуб бо фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

– хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти чор гурӯҳи салоҳияти ӯ муайян карда мешаванд: а) салоҳияти омехтаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунӣ; б) салоҳияти идоракунии ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти қонунэҷодкунӣ; в)

салоҳияти ҳамоҳанг намудани намудҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ.

Саҳеҳии ҳамаи натиҷаҳои илмии дар боло зикршуда бо ақидаҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфташуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқи диссертатсионӣ, таҷрибаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ақидаҳои Зарифзода Ш.И. дар муқоиса бо дигар ақидаҳои маъмулии дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд. Натиҷаҳои илмӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия, салоҳияти васеи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла салоҳияти махсус ва истисноии ҳуқуқэҷодкунии ӯ тасдиқи худро меёбанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ барои таҳқиқи минбаъдаи илмии фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҷзияи ҳокимият, мафҳум ва намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таносуби санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ, мазмуни меъёрӣ, фардӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, фазои амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақоми махсуси ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, нақши ӯ дар рушди низоми ҳуқуқӣ, ҳаёти давлат ва ҷомеа аҳаммияти илмӣ доранд. Аҳаммияти натиҷаҳои мазкур танҳо бо назарияи давлат ва ҳуқуқ маҳдуд нашуда, ба рушди соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ паҳн мешаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои диссертатсия бо дарназардошти самти амалӣ доштани онҳо, ки дар ҷараёни таҳлили таҷрибаи ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, идоракунӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосил шудаанд, тасдиқи худро меёбад. Ин натиҷаҳо ба такмили минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузории Тоҷикистон бо дарназардошти ошкор гардидани падидаҳо ва равандҳои нав дар фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои диссертатсия бо дарназардошти қабул ва амалӣ гардидани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди ҳаёти иқтисодӣ, танзими ҳуқуқии оперативӣ ва мунтазами муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ ташаккул ёфта истодаанд, аҳаммияти иқтисодӣ доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аҳаммияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ доранд, чунки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ қабул шуда, амалӣ гардидани онҳо ба таъмини сулҳу суботи ҷомеа, пойдории музаффариятҳои соҳибистиқлолӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, боло бурдани шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, таъмини шароити зиндагии арзандаи шаҳрвандон дар доираи чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи баланд намудани музди меҳнат, стипендия, нафақа, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, танзими низоми молия ва андоз, такмили низоми бонкӣ, рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, мубориза бо коррупсия, терроризм ва экстремизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, киберҷиноятҳо, аз ҷумла кибертерроризм мусоидат менамоянд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо маълумоти возеҳ, шифоҳӣ ва бо далелҳои илмию амалӣ исботшуда оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия, асарҳои илмию таълимии дар кор истифодашуда, ақидаҳо ва хулосаҳои боэътимод ва маъмулии олимон доир ба ҷанбаҳои гуногуни мавзуъ, таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон, натиҷаи таҳлили санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлилу истифодаи ҳуҷҷатҳои давлатӣ дар доираи таҷрибаи роҳандозии сиёсати ҳуқуқӣ, натиҷаҳои таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлатҳои ҳамсоя тасдиқ карда мешавад.

Дурустии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо маълумоти саҳеҳи илмию амалӣ, ки дар ҷараёни таҳқиқи мантиқии паҳлуҳои гуногуни мавзуъ дар доираи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, риояи талаботи меъёрӣ ва дастурии ҷойдошта доир ба *таҳқиқи илмии диссертатсионӣ*, тартиби маъмулии асоснок намудани ақидаҳо ва хулосаҳои илмӣ, ифодаи онҳо дар таклифҳои амалӣ тасдиқи худро меёбад.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи муқоисаи онҳо бо ақидаҳо, мафҳумҳо, категорияҳои дар илми ҳуқуқшиносии умуминазариявӣ пазируфташуда, таҳлили ақидаҳои олимон, аз он ҷумла таҳлили танқидии як қатор андешаҳо, бо методологияи дарки илмӣ, алалхусус, таҷдиди назар намудани як қатор нуқтаҳои назари илмии маъмулӣ, вале ба талаботи нави ҳаёти ҷомеа мутобиқатнадошта, тағйири мунтазами маводи эмпирикии диссертатсия дар иртибот бо ташаккули

падидаҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла падидаи ҳокимияти президентӣ ва доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии он тасдиқ мешавад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии Зарифзода Ш.И. бо ҳолатҳои зерин тасдиқи худро меёбад: а) таҳқиқи доираи кофии масъалаҳои назариявии методологӣ ва амалии ҳуқуқӣ, ки навгонии диссертатсияро тасдиқ менамоянд; б) нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда; в) ақидаҳои муаллиф доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия, ки дар натиҷаи таҳқиқи илмии мустақилона ва таҳлили танқидии андешаҳои баҳснок ва шубҳаноки илмӣ пешниҳод шудаанд; г) мафҳумҳои асосии илмӣ, ки дар диссертатсия оид ба падидаҳои анъанавӣ ва нави ҳаёти ҳуқуқӣ («фармони меъёрии Президент», «фармони ғайримеъёрии Президент», «нуфузи ҳокимияти президентӣ», «эътибори ҳуқуқии санадҳои Президент» ва дигар) пешниҳод шуда, аз мафҳумҳои дар илм ҷойдошта фарқ доранд; д) хулосаҳои илмӣ ва таклифҳои амалӣ, ки дар таносуб бо хулосаҳои олимони дигар навгонии илмӣ доранд; е) мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд; ж) маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар дигар нашрияҳо ифодаи худро ёфтаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – маруза дар мавзуи «Нақши фармонҳо ва ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ» (Душанбе, 2024);

– Конференсияи илмию амалии умумидонишгоҳии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Ташаббусҳои қонунгузории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ» (Душанбе: ДМТ, 2024).

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд**:

[1-М]. Зарифзода, Ш.И. Хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №9. – С. 272-275 (0,4 ҷ.ч.); ISSN 2313-5151.

[2-М]. Зарифзода, Ш.И. Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №2 (34). – С. 109-117 (0,5 ҷ.ч.); ISSN 2414-9217.

[3-М]. Шарофзода, Р.Ш., Зарифзода, Ш.И. Мафҳум, хусусиятҳо ва эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.Ш. Шарофзода, Ш.И. Зарифзода // Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №4 (64). – С. 91-100 (0,5 ҷ.ч.); ISSN 978-99947-738-0-0.

[4-М]. Зарифзода, Ш.И. Хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №3(47). – С. 20-27 (0,4 ҷ.ч.); ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[5-М]. Зарифзода, Ш.И. Нақши фармонҳо ва ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 197-210 (0,5 ҷ.ч.).

[6-М]. Зарифзода, Ш.И. Ташаббусҳои қонунгузории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Маводи конфронси умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 51-55 (0,5 ҷ. ч.).

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, мақсад ва вазифҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, заминаи

эмпирикии диссертатсия, мутобиқати кор ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот, аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишороти муаллиф доир ба натиҷаҳои таҳқиқ ифода ёфтаанд.

Дар **боби якуми** диссертатсия санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармони меъёрӣ, фармони фардӣ ва амр таҳқиқ шуда, вазифаҳои асосии таснифи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд (саҳ. 22). Дар доираи таҳқиқи масъалаи мазкур ба камбудиҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар иртибот бо ифодаи номи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир мешавад (саҳ. 24).

Дар натиҷаи таҳлили асарҳои илмӣ ва таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саҳ. 25 диссертатсия ба се намуд ҷудо карда мешаванд: 1) фармонҳои меъёрӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ); 2) фармонҳои ғайримеъёрӣ ё фардӣ (санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ); 3) амрҳо (санадҳои фардии ғайримеъёрӣ). Бо дарназардошти гуногунии хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диссертатсия хусусиятҳои фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд (саҳ. 25-26). Таклифҳо бо мақсади ифодаи аниқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тибқи талаботи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд (саҳ. 26-28). Хусусияти санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти таҷзияи шохаҳои ҳокимият ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ, аз ҷумла ақидаҳои мубоҳисавии олимон, таҷрибаи давлатҳои гуногун, инкишофи таърихии назарияи таҷзияи ҳокимият муайян карда мешавад (саҳ. 29-36).

Мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таҳқиқи мазмуни этимологии калимаи «фармон», таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, анъанаҳои ҳуқуқи романию олмонӣ таҳлил гардида, андешаи муаллиф оид ба баҳснок будани мафҳумҳои «фармонҳои директивӣ», «фармонҳои барномавӣ-сиёсӣ» баён карда мешаванд (саҳ. 43). Бо мақсади таҳлили мафҳуми фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои он муайян карда мешаванд (саҳ. 48), аз ҷумла ошкор мегардад, ки фармонҳои меъёрии сарвари давлат супоришҳоро низ дар бар мегиранд (саҳ. 48-49). Хулоса пешниҳод мешавад, ки супоришҳои давлатии

Президент дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав буда, дар сатҳи қонун ҳоло танзим намешавад. Аммо супоришҳо дар таҷрибаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Тоҷикистон воқеан истифода мешаванд (саҳ. 57). Мутобиқи хулосаи дигари муаллиф амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоди ҳуқуқии фардиро дар бар гирифта, бештар оид ба масъалаҳои ташкилию кадрӣ аз тарафи сарвари давлат дода мешаванд. Айни замон як қатор амрҳои сарвари давлат муқаррароти меъёриро, ки барои доираи васеи мақомоту ташкилот паҳн мешаванд, дар бар мегиранд (саҳ. 58). Асоси меъёрӣ-ҳуқуқии мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд (саҳ. 59-60), таҷрибаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад (саҳ. 62), таснифи санадҳои ҳуқуқие, ки бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд, пешниҳод мешавад (саҳ. 64). Дар натиҷаи анҷом ёфтани таҳлили илмии фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат хусусиятҳои асосии онҳо муайян карда мешаванд (саҳ. 67-68), дар доираи боби мазкури диссертатсия санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо амалӣ намудани салоҳияти сарвари давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба намудҳои дахлдор ҷудо карда мешаванд (саҳ. 68), мафҳумҳои илмии «фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «фармони меъёрӣ» ва «фармони ғайримеъёрӣ» пешниҳод мешаванд (саҳ. 69).

Дар **боби дуюм** хусусиятҳои санадҳои идоракунии сарвари давлат бо дарназардошти шакли идораи президентӣ, парлумонӣ ё омехтаи президентӣ-парлумонӣ муайян карда мешаванд (саҳ. 70), дар шароити инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва гузариш ба ҷомеаи рақамӣ хусусиятҳои нави санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президент таҳлил карда мешаванд (саҳ. 72-74), салоҳияти иловагии сарвари давлат бо дарзардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии ӯ ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат таҳлил карда шаванд (саҳ. 75-76), дар натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ хулосаҳои муаллиф оид ба салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат баён мегарданд (саҳ. 77), хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа дар таносуб бо дигар санадҳои идоракунии ӯ ошкор карда мешаванд (саҳ. 80-81), дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои умумӣ оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баён карда мешаванд (саҳ. 82-87). Таснифи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқи бобҳои дахлдори Конститутсия пешниҳод мешавад (саҳ. 94-95), дар заминаи хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 97) аломатҳои фармонҳои меъёрии ӯ муайян карда мешаванд (саҳ. 97-98), ба таносуби фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент ҳамчун сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат таваҷҷуҳ зоҳир мешавад (саҳ. 98-99), дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хусусиятҳои иловагии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат ошкор карда мешаванд (саҳ. 104-105), хулоса оид ба шаклҳои махсуси иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад (саҳ. 105-106). Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқи тартиби таҳия ва интишори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит мегардад (саҳ. 107), тартиби танзими ҳуқуқии таҳия ва интишори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода мешавад (саҳ. 108-113), хусусиятҳои эътибори ҳуқуқии фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд (саҳ. 114).

Дар **боби сеюм** нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди низоми қонунгузорӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (саҳ. 118-124), фармонҳои сарвари давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ, алалхусус, такмили низоми идоракунии давлатӣ (саҳ. 125-127), мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия (саҳ. 126-128), пешгӯии рушди қонунгузорӣ (саҳ. 128-129), тасдиқи санадҳои меъёрии зерқонунӣ (саҳ. 129-130) таҳлил карда мешаванд. Хулоса пешниҳод мешавад, ки фармонҳои меъёрии сарвари давлат дар низоми ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар ҷойи аввал меистанд. Дар ҳолати мазкур ҳам санадҳое, ки ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ҳам санадҳое, ки берун аз низоми мазкур қарор доранд, дар назар дошта мешаванд (саҳ. 131). Мутобиқи хулосаи дигари муаллиф хусусияти фармонҳои сарвари давлат дар он зоҳир мешавад, ки бо онҳо асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳам ҳокимияти қонунгузор ва ҳам ҳокимияти иҷроия муайян карда мешаванд (саҳ. 132). Меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон, ки нақши сарвари давлати Тоҷикистонро дар ташкили мақоми қонунгузор таъмин мекунанд, таҳлил карда мешаванд (саҳ. 133-134), таваҷҷуҳи асосӣ ба фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулода, таъмини мудофиа ва амнияти давлат дода мешавад (саҳ. 134-137), дар

натиҷаи таҳқиқи анҷомёфта хулосаҳои умумӣ оид ба нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми қонунгузорӣ баён мегарданд (саҳ. 138-141).

Нақши ҳалкунандаи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ҳаёти сиёсӣ (саҳ. 142), баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа (саҳ. 143-146), таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа (саҳ. 147-149), тасдиқи барномаҳо, консепсяҳо, стратегияҳои давлатӣ (саҳ. 149-150), ҳаёти фарҳангӣ (саҳ. 149-150), рушди соҳибкорӣ (саҳ. 150-151), рушди низоми бонкӣ, молиявӣ ва пулӣ (саҳ. 151-152), дар соҳаи сиёсати хориҷӣ (саҳ. 152-153), рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ (саҳ. 155-156), дастгирии ҷавонон, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо, коллеҷҳо, рушди соҳаи маориф ва илми ватанӣ (саҳ. 156-158), таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ (саҳ. 159-163) таҳқиқ карда мешавад, хулосаҳои умумӣ баён мегарданд (саҳ. 164-165).

Дар хулосаи диссертатсия, ки аз 15 банд иборат аст, натиҷаҳои умумии таҳқиқот оид ба таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таснифи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии Президент, салоҳияти сарвари давлати Тоҷикистон, намудҳои санадҳои ҳуқуқӣ, ки бо иштироки сарвари давлат қабул мешаванд, хусусиятҳои фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон, ки дар доираи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бароварда мешаванд, мазмун ва шакли фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумат, доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон, хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб бо фаъолияти субъектони дигари ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти имзо ва интишори қонун, шаклҳои нави иштироки сарвари давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ баён мегарданд (саҳ. 166-170).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Зарифзода Шохрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферат диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Зарифзода Шоҳрух Иззатулло ба ихтисоси илмии 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Ба ақидаи муаллиф «Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат унсури механизми танзими ҳуқуқӣ буда, бо дарназардошти хусусиятҳояшон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Ин санадҳо воситаҳои танзими ҳуқуқии меъёрӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошанд» (саҳ. 38).

Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун унсури механизми танзимӣ баҳогузорӣ намуда, танзими ҳуқуқии меъёрӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкуниро аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Танзими ҳуқуқӣ мазмуни меъёрӣ дорад, зеро унсурҳои меъёриро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид мекунад, устуворӣ, пойдорӣ ва мураттабии муносибатҳои танзимшавандаро таъмин мекунад. Танзими ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ мафҳуми танзими ҳуқуқиро маҳдудтар мекунад, чунки салоҳияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва функсияи танзимкунандаи ҳуқуқэҷодкуниро ба инобат намегирад.

2. Ба ақидаи муаллиф фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар доираи ҳам салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам салоҳияти идоракунии Президент бароварда мешавад», «ҳамчун санади ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунӣ ба доираи васеи шахсон паҳн мешавад» (саҳ. 48).

Ин ақида баҳснок аст, чунки тафовути ҳукуқэҷодкунӣ ва идоракуниро ба инобат намегирад. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд, яке аз функсияҳои ҳуқуқэҷодкуниро дар соҳаи муқаррар намудан, тағйир додан ва қатъ намудани амали меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷро мекунанд. Илова бар ин, агар санади ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи шахсон паҳн шавад, пас санади идоракунӣ бо муносибатҳое, ки дар соҳаи идоракунӣ пайдо мешаванд, алоқамандӣ дорад. Санадҳои идоракунӣ бештар хусусияти амрдиҳӣ-иҷроияро дошта, дар раванди идоракунӣ қабул мешаванд.

3. Тавре муаллиф қайд мекунад, дар фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «меъёри умумиҳатмӣ ва меъёрҳо-супоришҳо пешбинӣ мешаванд. Меъёрҳо-супоришҳо хусусияти фардӣ надоранд,

чунки ба шахсони мансабдори муайян дода намешаванд» (саҳ. 50). Мутобиқи ақидаи дигари муаллиф: «Супоришҳои давлатии сарвари давлат дар шакли хаттӣ ифода карда мешаванд. Фармонҳои сарвари давлат шакли ифодаи супоришҳои давлатӣ мебошанд» (саҳ. 50).

Ин ақидаи муаллиф баҳснок аст, чунки мазмуни меъёрии фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки одатан бо меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст, васеъ мекунад. Супоришҳои сарвари давлат ҳамчун «меъёрҳо-супоришҳо», яъне меъёри ҳуқуқӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Аммо супоришҳое, ки дар фармонҳои сарвари давлат дарҷ ёфтаанд, аломатҳои асосии меъёри ҳуқуқиро надоранд. Мафҳуми васеъ паҳншудаи «санади меъёрии ҳуқуқӣ», ки дар илми ҳуқуқӣ ва қонунгузории Тоҷикистон истифода мешавад, бо супоришҳо робита надорад. Илова бар ин, ба ақидаи муаллиф «супоришҳо дар шакли хаттӣ ифода карда мешаванд». Дар таҷриба як қатор супоришҳои сарвари давлат дар шакли шифоҳӣ низ дода мешаванд.

4. Ба ақидаи муаллиф «фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат саҳми муҳим мегузоранд. Ин гуна фармонҳо то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат амалӣ карда мешаванд. Ин фармонҳо муносибатҳои ҷамъиятиро, ки танзими онҳо қабули қонун ё қарори Ҳукуматро талаб мекунад, танзим мекунанд» (саҳ. 63).

Ин ақида аз лиҳози илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ баҳснок аст, чунки салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз доираи дар қонун пешбинишуда васеъ намуда, онро ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ паҳн мекунад. Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва салоҳияти қонунэҷодкунии парламент дар доираи самтҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда шуда, функсияҳои ба худ хоси танзими ҳуқуқиро иҷро мекунанд.

Эродҳои дар боло зикршуда аз лиҳози илмӣ баҳснок буда, аҳаммият ва натиҷаҳои мусбати таҳқиқоти диссертатсионии Ш.И. Зарифзодаро паст намекунанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи зарурии

илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Зарифзода Шоҳрух Иззатулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Тақризи муассиса дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва афтореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 11 нафар: Тарафдор 11 нафар, муқобил нест бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №5 аз 10-уми феврали соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Холинова М.М., мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 11 нафар: тарафдор 11 нафар, муқобил нест бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №7 аз 10-уми феврали соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти

кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети

ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** мутахассис-коргузори кафедраи
назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимова Д.Ҳ.

**Имзоҳои** Холинова М.М., Абдулхонов Ф.М., Иброҳимова Д. Ҳ. -ро

тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.

11.02.2026